*ТКБ 8Т1*
*DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-235-249*

# *ТАҲҚИҚОТИ ТОЗА ДАР ШИНОХТИ ТАВСИФ ВА РАВИШҲОИ ТАНЗИМИ ФАРҲАНГИ ТАВСИФОТ*

***Азизов Сорбон Садуллоевич,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров”(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *НОВЫЙ ВЗГЛЯД НА ИССЛЕДОВАНИЕ ЭПИТЕТОВ И ПРИНЦИПЫ СОСТАВЛЕНИЯ СЛОВАРЯ ЭПИТЕТОВ*

***Азизов Сорбон Садуллаевич****, к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ ”ХГУ имени акад. Б.Гафурова” (Таджикистан, Худжанд)*

# *NEW VIEW ON STUDY OF EPITHETS AND PRINCIPLES OF COMPILING DICTIONARY OF EPITHETS*

***Azizov Sorbon Sadulloyevich,*** *candidate of philological sciences, Ass.Professor of the department of Tajik classic literature under the SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov” (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:****sorbon-1987@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *тавсиф, “Шоҳнома”, Фирдавсӣ, адабиётшиносӣ, таҳқиқ, фарҳанги тавсиф*

*Тақриз ба баррасии ҳусну қубҳи рисолаи тозаинтишори адабиётшинос Ш.Тоҷибоев “Тавсиф ва масъалаҳои танзими фарҳанги тавсифоти назми классикии форсу тоҷик” ихтисос ёфтааст.Муқарриз зимни баррасиҳои бобу фаслҳои китоби мазкур таъкид намудааст, ки асар дар шинохти тавсиф, дараҷаи омӯзиши он дар адабиётшиносӣ, пайдоиш ва анвои он, усулҳои истифодаи он, корбасти ин санъати бадеӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ хеле муҳим аст.Тазаккур меравад, ки боби аввал ва сеюми асар бештар ҷанбаи назариявӣ дошта, муаллиф дар онҳо афкори назарияву интиқодии хешро ироа намудааст. Хотирнишон мешавад, ки боби дуюми асар барои таҳқим бахшидани афкори назариявии муаллиф, ки дар боби аввал пешниҳод шудаанд, заминаи хубе фароҳам овардааст. Таъкид мегардад, ки боби сеюми асар дорои аҳамияти зиёди назариявӣ оид ба принсипҳои тадвини фарҳангҳои шеърӣ, хоса фарҳанги тавсифот мебошад.Ҳамчунин муаллифи тақриз дар бораи баъзе камбуду норасиҳои китоб ибрози назар намудааст.*

***Ключевые слова:*** *эпитет, «Шахнамэ», Фирдоуси, литературоведение, исследование, словарь эпитетов*

*Рецензия посвящена обзору достижений и некоторых недостатков недавно вышедшей монографии литературоведа Ш.Таджибоева “Эпитеты и принципы составления словаря эпитетов персидско-таджикской поэзии”. Анализируя главы и параграфы этой книги, рецензент подчеркнул, что монография представляет собой значимый научный источник для осмысления эпитета как самостоятельного средства поэтической изобразительности, степени его изученности в литературоведении, его истории происхождения и видов, способов его употребления, использования этого элемента поэтической речи в «Шахнаме» Фирдоуси. Отмечается, что первая и третья главы монографии носят более теоретический характер, в них автор излагает свои теоретические и критические взгляды.Подчёркивается, что вторая глава работы дает хорошую основу для укрепления теоретических взглядов автора, изложенных в первой главе. Упоминается, что преимущества третьей главы монографии заключаются в том, что в ней излагаются принципы составления поэтических словарей, особенно словаря эпитетов персидско-таджикской классической поэзии. Автор рецензии также выразил свое мнение о некоторых упущениях и недостатках монографии.*

***Key words:*** *epithet, "Shahnameh", Firdowsi, literary criticism, research, dictionary of epithets*

*The review dwells on an overview of achievements and certain shortcomings of the recently published monograph by a man-of-letter Sh. Tajiboev entitled as “Epithets and Principles for Compiling a Dictionary of Epithets in Persian-Tajik Poetry”. In the course of conducting the analysis of the chapters and paragraphs of the relevant monograph, the reviewer lays an emphasis upon the idea that the former in question as a scientific source is very important for understanding epithet as an independent means of poetic representation, the degree of its study in literary criticism, its history of origin and types, methods*

*of its usage and resorting to this element of poetic speech in "Shah-Name» by Firdawsi. It is underscored that the first and third chapters of the monograph are of more theoretical nature, in which the author sets out his theoretical and critical views. It is emphasized that the second chapter of the work provides good basis for strengthening the author`s theoretical views outlined in the first chapter. It is mentioned that advantages of the third chapter of the monograph lies in the fact that it sets out the principles targeted at compiling poetic dictionaries, especially the epithet dictionary of Persian-Tajik classical poetry. The reviewer expresses his own opinion on certain omissions and shortcomings of the monograph as well.*

Таҳқиқу баррасии масъалаҳои поэтикии шеър, махсусан арӯз, қофия ва бадеъ, ки аз рукнҳои муҳими шинохти вижагиҳои осори манзум ба шумор меравад, дар адабиётшиносии тоҷик солҳои охир ба яке аз масоили меҳварӣ мубаддал гардида, дар ин замина, корҳои назаррасе ҳам рӯи кор омадаанд. Боиси таъкид аст, ки баррасию пажӯҳиши ҷанбаҳои поэтикии каломи бадеъ дар адабиётшиносии ҷаҳон дар асри ХХ ба марҳилаи тозае ворид гардид. Махсусан, таваҷҷӯҳи мактаби бузурги формалистони рус, ки бештар ба сохтору банду баст ва умуман масъалаҳои поэтикӣ нигаронида шуда буд, меъёр ва усулҳои таҳқиқи шинохти вижагиҳои поэтикии сухан муайян ва ба маҷрои наве ворид гардид. Бо ин ҳама ҳарчанд дар заминаи омӯзишу баррасии масъалаҳои поэтикӣ, махсусан бадеъ аз тарафи адабиётшиносон тадқиқоти арзандае анҷом дода шуд, вале то кунун дар баррасию таҳқиқи вижагиҳои ҳунарии каломи манзум масъалаҳои зиёде ниёз ба омӯзиш доранд.

Бо дарназардошти муҳимияти таҳқиқи илми бадеъ адабиётшинос Шарифҷон Тоҷибоев пажӯҳише анҷом дод, ки таҳти унвони "Тавсиф ва масъалаҳои танзими фарҳанги тавсифоти назми классикии форсу тоҷик" рисолаи илмии ӯ ба нашр расид. Муҳаққиқи мазкур зарфи чанд сол дар асоси "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ба баррасии мақому ҷойгоҳи санъати тавсиф дар осори шоирон, махсусан "Шоҳнома"[1,с.2-3] пардохта кори арзишманде дар ин замина ба анҷом расонидааст[4].

Китоби мавриди тақриз аз муқаддима се бобу 13 фасл, зерфасл, хулоса, тавзеҳот, феҳрасти адабиёт, феҳрасти ашхос, феҳрасти асомии қаҳрамонони "Шоҳнома" ва феҳрасти кутуб иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф нахуст перомуни таҳқиқу баррасии масъалаҳои поэтикаи шеър аз ҷониби муҳаққиқон андешаронӣ намуда, таъкид мекунад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бештар масоили арӯзу қофия ба доираи таҳқиқ кашида шудаанд. Ба андешаи муаллиф ба омӯзишу таҳқиқи илми бадеъ камтар таваҷҷӯҳ шудааст ва баррасии ин масъала як андоза аз назари адабпажӯҳон канор мондааст. Ҳол он ки дар адабиёти бадеӣ мазмунсозиву маъниофарӣ маҳз тавассути илми бадеъ сурат мегирад.

Баъдан муаллиф мухтасар ба баррасии сайри таърихии омӯзиши илми бадеъ ва таҳқиқоти анҷомшуда дар адабиётшиносии тоҷик пардохтааст. Аз натиҷаи баррасии ӯ чунин бармеояд, ки ҳарчанд китобҳои Т.Зеҳнӣ, Р.Мусулмонқулов, А.Сатторзода, Х.Шарифов ва чанд рисолаи алоҳидаи дигар дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои илми бадеъ дар адабиётшиносии муосири тоҷик таълиф шудаанд, ҳануз кофӣ нест. Муҳақиқ Ш.Тоҷибоев пешниҳод менамояд, ки дар асоси сарчашмаҳо "оид ба муҳимтарин санъатҳои бадеӣ корҳои ҷудогонаи ҷиддӣ ба сомон расонида, фарҳангномаҳои махсуси санъатҳои бадеиро тадвин намоем"[4,с.6]. Дар воқеъ, муаллиф зарурати таҳқиқи масъалаи мазкурро бо далелҳо собит намуда, муҳимияти пажӯҳиши худро баён намудааст.Ӯ таъкид мекунад, ки бо зарурати масъалаи мазкур ба таҳқиқи яке аз воситаҳои тасвири бадеъ–санъати тавсиф ва мақоми он дар мазмунсозию маъниофарӣ дар ашъори шоирон пардохтааст.

Ибтидо муҳақиқ роҷеъ ба омӯзишу таҳқиқи санъати тавсиф дар адабиётшиносии тоҷик пардохта, қайд мекунад, ки ҳарчанд дар бораи тавсиф ишораҳои ҷудогонаи пажӯҳишгарон ва рисолаҳои алоҳида ба назар расад ҳам, вале "сайри таърихӣ, дараҷаи истеъмол, арзиши бадеиву эстетикӣ, имконоти тасвирию экспрессивӣ ва услубию семантикии он то ҳанӯз мавриди таҳқиқоти ҷиддие қарор нагирифтаанд"[4,с.6]. Аз ин рӯ, муаллиф ба хулосае мерасад, ки мақоми тавсиф дар муҳокотофаринӣ, чеҳранигорӣ, мазмунпардозӣ, воқеабандӣ барин масъалаҳое ҳастанд, ки дар батни осори мухташами ҳамосӣ мавриди омӯзиш қарор додан ҳадафманд аст.

Бо зарурати ин масъала адабиётшинос дар асоси маводи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ба баррасии "мақоми тавсиф дар тимсолсозӣ, чеҳранигорӣ, тасвири воқеот, ҳолату кайфият ва хисолу тимсоли қаҳрамонҳо" пардохта, дар зимн ба масъалаи дараҷаи омӯхта шудани тавсиф, анвою вазифаи он дар шеър, роҳҳои истифодаи он таваққуф намуда, аз хусуси танзими

фарҳанги тавсифот, зарурату аҳамият ва принсипҳои он баҳс намудааст. Сабаби интихоби худро муаллиф аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар он баён мекунад, ки дар асоси маводи “Шоҳнома” метавон асосҳои назарии фарҳанги тавсифоти назми классикии форсу тоҷикро муайян намуд [4,с.7]. Баъдан муҳаққиқ ҳадафу мақсади хешро аз баррасии мавзӯъ дар асоси сарчашмаҳои илмиву адабӣ, хусусиятҳои мундариҷавӣ, услубӣ, ғоявӣ ва бадеии тавсиф дар осори ҳамосавӣ баён намуда, зимнан таҳқиқи масъалаҳои дараҷаи омӯзиш, пайдоиш, анвоъ ва усулҳои истифодаи тавсифро низ қайд намудааст.

Боби аввали китоб “Тавсиф; дараҷаи омӯзиш, пайдоиш, усулҳои истифода ва анвои он” унвон дошта, фарогири чор фасл мебошад.

Дар фасли аввали боби мазкур муаллиф нахуст ба масъалаи дараҷаи омӯхта шудани санъати тавсиф пардохта, қайд мекунад, ки дар осори поэтикии асримиёнагӣ ба санъати тавсиф таваҷҷӯҳ нашудааст. Ин дар ҳолест, ки сарчашмаи тансиқ-ус-сифот, ки муҳаққиқони каломи бадеъ доир ба он маълумот додаанд, тавсиф мебошад.

Аз баррасиҳои муаллиф чунин бармеояд, ки санъати тавсиф ҳамчун воситаи баёни ифода дар адабиётшиносии асримиёнагӣ ва муосир ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Барои тасдиқи андешаҳои худ аз қайду ишораҳои адабпажӯҳони каломи бадеъ оид ба масъалаи мазкур шоҳид овардааст. Ҳамчунин роҷеъ ба таърифи тавсиф дар осори назарии асримиёнагӣ ва муосир пардохта, ба хулосае мерасад, ки назарияпардозони каломи бадеъ истилоҳи тансиқ-ус-сифотро шарҳу тавзеҳ додаанд. Аммо таъриф ва шарҳу тавзеҳи илмии санъати тавсиф дар ҳеҷ яке аз осори назарии классикӣ ба чашм намерасад. Таъкид мешавад, ки ҳарчанд назарияпардозони муосир баъзе аз асосҳои назарии санъати тавсифро муайян кардаанд, вале тадқиқоти шоистае роҷеъ ба асосҳои амалии ин санъат ба анҷом нарасидааст. Ҳамчунин аз баъзе масъалаҳои назариву амалии санъати тавсиф, ки адабиётшиносони тоҷик солҳои охир анҷом додаанд, истиқбол намуда дар асоси ин пажӯҳишот ба тадқиқоти илмии назарияпардозони рус, Аврупо ва Ҳинди қадим дар бораи тавсиф пардохтааст. Муҳаққиқ ба натиҷае мерасад, ки тавсифоти “Маҳабҳарато” мавриди омӯзиш қарор дода шуда, адабпажӯҳони русу аврупоӣ ҳам дар бобати хусусиятҳои ғоявию маънавӣ ва услубию бадеии тавсифоти осори классикони худ корҳои хубе анҷом додаанд.

Роҷеъ ба масъалаи шарҳи истилоҳи тавсиф аз назари муҳаққиқон ва фарҳангу луғатномаҳо муаллиф дар ин фасл таваққуф намуда, андешаҳои онон мавриди нақду баррасӣ қарор додааст. Аз муқоисаву таҳлили назарияпардозон роҷеъ ба тавсиф Ш.Тоҷибоев ба хулосае меояд, ки таърифи тавсиф, ки профессор Х.Шарифов дар асоси гуфтаи Рашидуддини Ватвот овардааст, дуруст ба назар мерасад.

Фасли дуюм “Нигоҳе ба пайдоиши тавсиф” унвон дорад, ки муаллиф дар он роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва таҳаввули тавсиф баҳсу баррасиҳо анҷом додааст. Дар ин хусус муҳаққиқ нахуст ба тадқиқоти олимони хориҷӣ рӯй оварда, андешаҳои онон мавриди таҳлил қарор медиҳад. Қайд мекунад, ки пайдоиши тавсифро танҳо ба адабиёти Юнони қадим марбут донистан дуруст ба назар намерасад. Аз ин рӯ, ӯ пешниҳод мекунад, ки таърихи пайдоиши тавсифро бо таърихи пайдоиши шеър ва адабиёти шифоҳӣ тавъам мавриди омӯзиш қарор додан ҳадафманд аст. Зеро сарчашмаи ҳар як адабиёти хаттӣ ҳамоно фаҳлавиёт аст. Андешаҳои худро дар мавриди аз адабиёти шифоҳӣ ворид шудани тавсиф ба адабиёти хаттӣ бо мисолҳо ва назари донишмандон мудаллал сохтааст. Хулоса мекунад, ки “ба эҳтимоли қавӣ тавсиф ҳамчун яке аз воситаҳои тасвирии фолклорӣ” ба адабиёти хаттӣ ворид шудааст [4, с.18].

Ҳамчунин муаллиф дар ин фасл бо овардани намунаҳо аз тавсифоти адабиёти давраи қадим ва аҳди Сомониён қайд мекунад, ки “пайдоиши тавсифро на танҳо ба назми асримиёнагӣ, балки пештар аз он, ба адабиёти қадим нисбат додан мумкин аст” [4, с.20].

Дар робита ба ташаккулу таҳаввули тавсиф ҳам муҳаққиқ бо овардани намунаҳо аз осори шоирон ва нуктаи назари муҳаққиқон андешаҳои сӯдманди илмӣ баён намудааст, ки қобили таваҷҷӯҳ аст. Аз баррасиҳои ӯ дар ин хусус чунин бармеояд, ки нахуст тавсифҳо сода, кӯтоҳ ва оддӣ буда, оҳиста дар давраҳои минбаъдаи адабиёт инкишоф ёфта, дар бунёди муҳокоту тимсоли шеърӣ мавриди истифодаи фаровон қарор гирифтанд.

Дар фасли сеюми боби аввал анвои тавсиф мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Дар хусуси анвои тавсиф ҳам муаллиф нахуст нуктаи назари олимони ватаниву хориҷиро таҳлилу баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки ҳарчанд муҳаққиқони каломи бадеъ анвои мухталифи тавсифотро дар асоси хусусиятҳои он қайд кардаанд, “вале на ҳамаи онҳо моҳияту маънии анвои тавсифро нишон дода тавонистаанд” [4, с.26].

Дар идома пеш аз баррасии анвои тавсиф муаллиф фикру андешаҳои назарияпардозони каломи бадеъро оварда, таҳлилу баррасии амиқ мекунад ва фикру мулоҳизаҳои худро низ баён месозад. Пас аз таҳлилу баррасии анвои тавсиф Ш.Тоҷибоев дар такия бо қайдҳои адабиётшиноси рус А.Н.Веселовский чор навъи тавсифро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз нуқтаи назари муаллиф тавсифҳои **ҳамрадиф, тавзеҳӣ, мустаор ва ҷамъбастӣ,** ки А.Н.Веселовский нишон додааст, аз ҷиҳати ифодаву баён аз ҳамдигар имтиёз доранд ва ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошанд.

Бо овардани мисолҳои зиёде аз осори шоирон муаллиф дар ин фасли китоб анвои тавсифоти мазкурро дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ нишон дода, мавқеи онҳоро дар офаридани образу мазмунҳои тозаи сухан таъкид намудааст. Ҳамчунин боиси таъкид аст, ки Ш.Тоҷибоев тавсифҳои мустаорро аз ҷиҳати бартарии воситаҳои тасвир ва мазмунсозӣ ба навъҳои; тавсифҳои **истиоравӣ, киноявӣ ва муболиғавӣ** ҷудо намуда, бо овардани намунаҳо аз осори шоирон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки муаллифи китоб ҳангоми баррасии навъҳои тавсифоти мустаор бештар дар кадом навъи осори адабӣ ба кор рафтани онҳоро низ зикр намудааст. Чунончи дар хусуси тавсифҳои муболиғавӣ қайд мекунад, ки ин хели тавсифҳо дар осори ҳамосӣ бештар ба кор мераванд. Ҳамчунин зимни баррасии тавсифҳои ҷамъбастӣ ба навъи панҷуми он, тавсифҳои ташбеҳӣ ишора мекунад.

Тавсифҳоро аз ҷиҳати сохт муҳаққиқ ба ду гурӯҳ; сода ва мураккаб ҷудо намуда, бо овардани намунаҳо аз осори шоирон мавриди таҳлил қарор додааст. Натиҷа мебардорад, ки тавсифҳои сода ба давраи аввали пайдоиши адабиёт, ба вижа сабки хуросонӣ хос аст. Тавсифҳои мураккаб бошад дар натиҷаи инкишофи адабиёт дар заминаи образофаринию мазмунсозиҳои тоза ба вуҷуд омада, дар он нисбат ба тавсифҳои сода имконоти баёну тасвир бештар мебошад.

Дар маҷмӯъ, аз баррасии масъалаҳои фасли мазкур муаллиф ба натиҷае мерасад, ки тавсифҳоро аз ҷиҳати мундариҷа; тасвирӣ ва лирикӣ, аз ҷиҳати баёну ифода; ҳамрадиф, тавзеҳӣ, мустаор, ҷамъбастӣ ва ташбеҳӣ ва аз ҷиҳати сохт; сода ва мураккаб шартан ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Фасли чорум “Усулҳои истифодаи тавсиф дар шеъри классикӣ” ном дорад, ки муаллиф дар асоси маводи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ роҳу воситаҳои гуногуни тавсифро бо овардани мисолҳо мавриди таҳлил қарор додааст. Муҳаққиқ дар асоси шеваю тарзҳои гуногуни истифодаи тавсиф дар назми классикӣ тавсифоти изофӣ, тавсифоти факки изофӣ, тақаддуми тавсиф бар мавсуф, истибъоди мавсуф ва тавсиф дар байт, ибъоди мавсуф ва тавсиф дар мисраъ, истибъоди мавсуф ва тавсиф дар абёт ва рӯҳбахшӣ ба мавсуфи беҷонро муайян намудааст. Дар натиҷаи таҳлилу баррасии шеваҳои корбурди тавсиф Ш.Тоҷибоев таъкид месозад, ки роҷеъ ба усулҳои тавсиф дар нақдушшеъри суннатӣ ва адабиётшиносии муосир қайду ишороте ба назар намерасад. Таснифоти муаллиф ҳам дар асоси маводи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ буда, ба доираи таҳқиқ гирфтани тавсифоти осори шуарои дигарро дар мавриди такмилу тавсеаи усулҳои тавсиф пешниҳод менамояд.

Боби **дуюми китоб “Тавсиф дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ**” унвон дорад. Муаллиф дар бобҳои фасли аввал, чунонки дар боло баррасӣ гардид, дараҷаи омӯхта шудан, пайдоиш, анвоъ ва усулҳои истифодаи тавсифро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намуда, дар фаслҳои боби дуюм, бевосита мақоми тавсифро дар осори адабӣ, дар мисоли “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба доираи таҳқиқ гирифтааст. Сабаби интихоби худро аз “Шоҳнома” муаллиф дар он таъкид мекунад, ки Абӯлқосими Фирдавсӣ аз ҷиҳати корбурди тавсиф ибтикороте намудааст. Қайд мекунад, ки Фирдавсӣ тавсифро дар “Шоҳнома” на танҳо дар муҳокотофаринию тасвирпардозӣ, мазмунсозӣ, балки дар васфу сифаторой ба кор бурда, ба ҳар як ашёву ақсоми мавриди тасвир авсофи некӯ ва муносибро ба кор бурдааст. Ҳамчунин “тавсиф дар “Шоҳнома” чун воҳиди муҳими тасвирсозиву маънигарой таҷаллӣ намуда, бевосита ба сохтори сужаву устухонбандии асар”[4, с.44] таъсир намудааст.

Фасли аввали боби дуюми китоб “Тавсиф–воҳиди муҳими тимсолсоз” унвон дошта фарогири се зерфасл мебошад. Ш. Тоҷибоев дар воқеъ, дуруст қайд мекунад, ки суханварони мо, хоса Фирдавсӣ дар офаридани образҳои бадеӣ аз санъати тавсиф ҳаматарафа истифода мебаранд, ки бидуни тавсиф тасвир кардани чунин образҳо имконнопазир аст. Маҳз санъати тавсиф ба шоир имкон медиҳад, ки образҳоро мусбату манфӣ офаринад. Чунонки Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” ҳар тимсолро бо сифатҳои неку бадаш ба риштаи тасвир кашидааст. Ба таъкиди муаллиф Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” дар тасвири образи паҳлавонон, шоҳон, занон ва дигар

персонажҳо аз тавсифҳои муассиру тоза истифода намудааст. Бо ҳадафи муайян сохтани вазифаҳои ғоявию бадеии тавсиф ва мақоми вай дар офаридани образ, чеҳра, манзара ва ғайра муаллиф тавсифоти “Шоҳнома”-ро дар зерфаслҳои “тавсиф дар образи паҳлавонон, тавсифоти шоҳон, тавсифоти бонувон” баррасӣ намудааст.

Тавсиф дар образи паҳлавононро муҳаққиқ ба бахшҳои тавсифҳое, ки аз далерӣ, шуҷоати паҳлавонон, тавсифҳое, ки ифодагари хислатҳои фардии паҳлавонон, авсофе, ки нишондиҳандаи ҳунару истеъдоди онҳо, тавсифҳое, ки нуқсу заъфи паҳлавононро бозгӯ мекунанд, сифоте, ки ишора ба обрӯву нуфузи паҳлавонон дорад, ҷудо намуда бо мисолҳои фаровон аз “Шоҳнома” таҳлилу баррасӣ кардааст.

Тавсифоти шоҳон ҳам дар алоҳидагӣ баррасӣ ёфта, вижагиҳои корбурди онҳо бо мисолҳо нишон дода шудааст. Аз баррасиҳои Тоҷибоев Ш. чунин бармеояд, ки Фирдавсӣ дар тимсоли шоҳон сифоти хубу зишташонро баробар ба кор бурдааст.Чунонки зимни офаридани тимсоли Заҳҳок аз сифатҳои фурӯмоягиҳояш ба монанди; бедодгар, нопокдин, бадрӯзгор, нопок, бадгавҳар ва ғайра истифода кардааст. Дар баробари ин дар тимсоли Фаридун сифатҳои неки ӯро чун; фарзона, фаррух, боофарин, хирадманд, бедордил ва ғайра ба кор бурдааст.

Аз зерфасли сеюми фасли мазкур ҳам чунин бармеояд, ки Фирдавсӣ аз санъати тавсиф зимни офариниши симои занон ҳам бо самар истифода намудааст. Вобаста ба ҳусну ҷамол, рафтору кирдор, хислату характер ва паҳлавониву далерии занон Фирдавсӣ аз сифатҳои муносиб дар офаридани симои онҳо ба кор бурдааст.

Дар баробари корбурди тавсиф зимни офаридани образи инсонҳо Фирдавсӣ аз санъати тавсиф дар тасвири вуҳушу туюр ҳам фаровон ба кор бурдааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ дар фасли дуюми боби мавриди таҳлил мақоми санъати тавсифро дар тасвири вуҳушу туюр мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Чунонки дар “Шоҳнома” дар баробари инсонҳо ҳайвоноту паррандагон ва девону аждаҳорҳо ҳам дар муборизаи хайру шар талош мекунанд. Бо истифода аз сифати манфури деву аждаҳо Фирдавсӣ муборизаи бепоёни хайру шарро дар аъмоли махлуқоти устуравӣ инъикос сохтааст.

“Тавсиф дар чеҳраоройӣ” фасли сеюми боби мавриди таҳлил унвон дорад, ки дар он муаллиф мақоми санъати тавсифро дар офаридани чеҳраҳои хотирмону чашмраси қаҳрамонони “Шоҳнома” мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Аз мутолаи фасли мазкур чунин бармеояд, ки Фирдавсӣ зимни офаридани чеҳраи зоҳирии қаҳрамонҳо ба монанди; рух, мӯй, мижгон, лаб, абрӯ, сар, қад, тан, пой, зону ва ғайра ба аносири зебандаи онҳо аҳамият дода, ба авсоф мавсуф кардааст.Чунонки ба андешаи муаллиф “рух як ҷузъи асосии қиёфаи тимсоли бадеӣ буда, дар “Шоҳнома” бештар ва болотар аз ҳама узвҳои қаҳрамон тавсиф шудааст” [4, с.71]. Муҳаққиқ тавсифи рухро дар “Шоҳнома” дар бахшҳои; ҳангоми баёни авзои рӯҳӣ, таъкиди ҳусну ҷамоли қаҳрамон, мавриди васфи зан ва аҳли ҳарам бо мисолҳо мавриди баррасӣ қарор додааст, ки шоистаи истиқбол аст. Ҳамчунин муҳаққиқ барои ҳар як андоми қаҳрамон, ки Фирдавсӣ авсофи гуногунро ба кор бурдааст, аз батни “Шоҳнома” ҷудо намуда, тавзеҳу ташреҳ намудааст.

Аз баррасии фасли чорум, ки “Тавсиф дар манзарапардозӣ” номгузорӣ шудааст, чунин бармеояд, ки Фирдавсӣ ҳам дар “Шоҳнома” зимни тасвири зебоиҳои табиат аз санъати тавсиф фаровон ба кор бурдааст. Дар ин хусус муаллиф қайд мекунад, ки: “Дар тасвири манзара тавсиф, пеш аз ҳама, барои инъикоси бадеии ҳодисаҳои табиат, шароити табиӣ ва хусусиятҳои умдаи иқлиму фаслҳои сол мусоидат намуда, дар баррасии мазмуну сужаи асари бадеӣ кӯмак кардааст” [4, с.80]. Фирдавсӣ зимни авсофи шабу рӯз, тулӯъ ва ғуруби хуршеду моҳ, ҳолату сифати абру бод, хоку санг, обу ҳаво аз санъати тавсиф моҳирона корбаст намудааст. Бозёфту таҳлилҳои муаллиф ҳам аз тасвирпардозии Фирдавсӣ зимни манзараҳои табиат ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Чунонки дар хусуси тавсифи абр муҳаққиқ қайд мекунад, ки ба воситаи тавсифи абр Фирдавсӣ чанд мазмуну маъниро иброз доштааст. Ба монанди; даррасидани замони тозаи табиат, аз воқеъшавии ҳодисаву рӯйдодҳои хуб ё бад огоҳӣ медиҳад, мамдуҳро ситоиш намуда, қадру манзалати ӯро боло мебардорад, бо овардани байтҳо аз “Шоҳнома” тавзеҳу таҳлил шудааст.

Тавсифоти ифодагари ҳолату кайфияти қаҳрамонон дар фасли панҷум мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтааст.Аз мисолҳои шоҳид овардаи муҳаққиқ ба назар мерасад, ки Фирдавсӣ дар баёни ҳолату кайфияти қаҳрамонҳои “Шоҳнома” аз тавсиф ба таври васеъ ба кор бурдааст. Сабаби зиёд истифода шудани тавсифро муҳаққиқ дар ҳолату кайфияти қаҳрамонҳо дар он мебинад, ки дар саросари “Шоҳнома” Фирдавсӣ “сарнавишту тақдир, ранҷу роҳат,

бедодгариву заволи қудрат, маргу нобуди барин мазоҳири умдаи ҳаёти инсонҳоро пайгирона ба силки назм кашида, таъсири онҳоро дар рӯҳияву аҳволи қаҳрамонон нишон медиҳад" [4,с.86].

Яке аз вижагиҳои корбурди санъати тавсиф дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар муколамаи образҳо ба кор бурдани он ба шумор меравад. Бо ин ҳадаф дар фасли шашум муаллиф тавсифоти муколамавии "Шоҳнома"-ро ба доираи таҳқиқ кашидааст. Бозёфтҳои муҳаққиқ дар робита ба тавсифоти муколамавӣ дар "Шоҳнома" қобили таваҷҷӯҳ аст. Қайд мекунад, ки дар "Шоҳнома" дар муколамаи образҳо аз тавсиф бештар ба кор рафтааст. Паҳлавонон дар "Шоҳнома" дар бештари маврид қабл аз размороӣ бо ҳам мунозараву баҳс меороянд, ки дар он аз авлоду аҷдод, корномаву қаҳрамониҳои худ тавсиф намуда, душманро сарзаниш мекунанд. Барои намуна муаллиф аз муколамаи Рустаму Исфандиёр мисол меорад, ки асосу мундариҷаи онро санъати тавсиф ташкил кардааст.

Дар натиҷаи таҳлилу баррасиҳо бо овардани мисолҳо муҳаққиқ дар робита ба тавсифоти муколамавӣ қайд мекунад, ки: "тавсифот дар нутқи қаҳрамонон, мунозараву баҳс ва гуфтугӯи онон чун як василаи ифодаи мақсаду ният омада, ҳадафи муайяни муассириву тобнокӣ доранд" [4, с.96].

Дар фасли охири боби дуюм муҳаққиқ ба баррасии тавсиф дар сухани муаллиф пардохтааст. Дар робита ба ин мавзӯъ, қайд мекунад, ки дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ нисбат ба дигар санъатҳои бадеӣ тавсиф дар сухани муаллиф бештар ба назар мерасад. Сабаби зиёд ба кор бурдани тавсифро муҳаққиқ дар он баён мекунад, ки "Фирдавсӣ дар зимни тасвиргароии рою хирад, доду додгустарӣ, сулҳу дӯстӣ, хурсандиву шодӣ, некиву накӯкорӣ, суханвариву доништалабиро борҳо мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода, онҳоро бисёр латифу ҳакимона васф кардааст"[4, с.99]. Дар поёни фасли мазкур муаллиф мақоми тавсифро дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ махсус қайд намуда, бештар аз 150 моддаи тавсифро, ки наздик ду ҳазор авсофро фаро гирифтааст, дар ҷадвал овардааст. Моддаи тавсифро аз рӯи ҳуруфи алифбоӣ оварда, теъдоди тавсифҳои мусбату манфиро нишон додааст. Чунин кори муҳаққиқ шоистаи пайравӣ ва истиқбол аст, ки дар заминаи дигар осори шоирон метавон анҷом дод. Феҳристи тартибдодаи ӯ ҳам бозгӯи мақому мавқеи авсоф дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ аст.

Дар воқеъ, муҳаққиқ Ш.Тоҷибоев дар фаслҳои боби дуюм бо овардани мисолҳо ва баҳсу баррасиҳо тавонистааст, ки мавқеи тавсифро дар каломи Фирдавсӣ ба субут расонад.

Боби сеюми китоб **"Усулҳои танзими фарҳанги тавсифоти назми классикии форсу тоҷик"** ном дошта, шомили ду фасл мебошад. Дар фасли аввал муаллиф назаре ба таърихи фарҳангнигории форсу тоҷик намуда, аз мақому манзалати фарҳангнигорӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар маърифати осори адабӣ сухан намудааст. Бо муруре ба таърихи фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ муҳаққиқ қайд мекунад, ки бо вуҷуди рушди лексикографияи муосир ва фарҳангҳои мутааддид, ҳамоно ба фарҳангномаву қомусҳои нав эҳтиёҷ аст. Зеро фарҳангҳои мавҷуд на ҳамеша мушкилоти маърифатгаронро рафъ мекунанд.Ба таъкиди муҳаққиқ, махсусан шарҳу тафсири маъниҳову муҳокоти маҳҷуби суханварон гоҳо дар ягон фарҳанг ба назар намерасанд.

Аз ин рӯ, муаллифи китоб пешниҳод мекунад, ки имрӯз бо имкониятҳои мавҷуда ва дар пайравию инкишофи собиқаи фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ ба танзиму таълифи фарҳанги муҳокоти бадеӣ ё фарҳангҳои махсуси санъатҳои бадеӣ ибтикор намоем. Дар идома муаллиф аз собиқаи чунин фарҳангнмаҳо дар таърихи фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ ба унвони мисол аз "Мусталаҳот-уш-шуаро"-и Вораста ва "Фарҳанги мутародифот ва истилоҳот"- Муҳаммад Подшоҳ ёд намудааст.

Дар натиҷа, муҳаққиқ аз зарурати танзиму таҳияи фарҳанги тавсифоти шеъри форсӣ-тоҷикӣ сухан ба миён оварда, таъкид мекунад, ки мусаннифон дар фарҳангҳои мавҷуда бештар ба тавзеҳи маонии асливу маҷозии калимоту иборот пардохта, "авсофи хеле сареҳ ва дар перояи маонии оливу бикр музайябшуда аз мадди назари онҳо дур мондааст" [4, с.109]. Барои тақвияти гуфтаҳои худ роҷеъ ба сифати теғ дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ишора намуда, қайд мекунад, ки ҳамагӣ ҳафт сифати теғ омадаасту халос. Ҳол он ки, дар эҷодиёти шоирони мо авсофи зиёди дигар ба монанди "оинатоб", "симобрез", "бурранда", заҳробгун", "обдода", "тобнок" ва ғайра барин авсоф дар сифати теғ омадааст, ки шумори онҳо аз 50 адад удул мекунанд.

Тадвини фарҳанги тавсифотро муҳаққиқ нахуст дар заминаи осори як адиб, ба монанди "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, "Хамса"-и Низомӣ" маснавиҳои Саноиву Аттор, ғазалиёти Саъдиву Ҳофиз ва баъдан танзими фарҳанги ҷомеи тавсифоти забони форсӣ-тоҷикиро пешниҳод менамояд.

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки “Меъёрҳои танзими фарҳанги тавсифот” ном дорад, муаллиф дар асоси ба назар гирифтани принсипҳои маъмули фарҳангнигории асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ ва русиву аврупоӣ тартибу танзими фарҳанги тавсифотро зарур мешуморад. Боиси қайд аст, ки муҳаққиқ дар баробари пешниҳод дар робита ба танзими фарҳанги тавсифот дар асоси ба назар гирифтани принсипҳои маъмули асримиёнагиву муосир даҳ усули танзиму тадвини фарҳани тавсифотро дар асоси принсипҳои пешқадам ва дархури чунин фарҳангҳо бо мисолҳои қотеъ пешкаш сохтааст. Муаллиф барои ҳамаи принсипҳои пешниҳод намудаи худ бо мисолҳо аз бурду бохташ ҳам сухан намуда, таҳлили ҷиддӣ намудааст.

Аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки фасли мазкури китоб дорои аҳамияти зиёди назариявӣ оид ба принсипҳои тадвини фарҳангҳои шеърӣ мебошад. Баёни арзиш ва аҳамияти даҳ принсипе, ки муҳаққиқ пешниҳод кардааст, маҷоли бештар мехоҳад, ки дар ҳавсалаи ин мақола ғунҷоиш надорад.Аммо ин нукта гуфтанист, ки дар таҷрибаи лексикографияи муосири тоҷик пешниҳод намудани назарияи тадвини фарҳангҳои тахассусӣ хеле кам ва ҳатто метавон гуфт қариб ба мушоҳида намерасад.Аз ин нуқтаи назар фасли мазкури китоби мавриди тақриз ба зоти худ нав ва тоза ба назар мерасад.

Хулосаҳои муаллиф ҳам аз баррасии мавзӯъ дар 15 банд оварда шудааст, ки аз дарки дуруст ва ҳаллу фасли он дарак медиҳад. Хулосаҳо бо санадҳои қотеъ ва натиҷабарориҳои илмӣ баён шудааст. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки муҳаққиқ дар поёни ҳар фаслу боби китоб хулосаву пешниҳодҳои амиқ дар робита ба мавзӯи бобу фаслҳо намудааст.

Дар ниҳоят аз баррасии бобу фаслҳои китоб чунин натиҷа ба даст меояд, ки адабиётшинос Ш.Тоҷибоев бо истифода аз сарчашмаҳои муҳими илмӣ ва тарҳрезии нақшаи хуби кор ба таълифи як асари арзишманди илмӣ дар робита ба шинохти вижагии поэтикии асари безаволи Фирдавсӣ – “Шоҳнома” шарафёб гардидааст. Яке аз вижагиҳои хоси тадқиқоти Ш.Тоҷибоев, ки ҷолиби диққат аст, ин ки дар баррасии андешаҳои пажӯҳишгарон назарҳои интиқодӣ ва таҳлилҳои ҷолиби илмӣ ба назар мерасад.

Боиси зикр аст, ки китоб дар баробари муваффақиятҳо ва банду басти муҳками илмӣ аз хатову норасоиҳо орӣ нест. Зимни баррасии бобу фаслҳои он баъзе аз хатоҳои ҷузъӣ ба назар расид, ки ислоҳи онҳо дар нашрҳои минбаъда ба манфиати кор мебошад. Масалан, дар фасли сеюми боби аввал муаллиф анвои тавсифро баррасӣ намуда, онро ба чор гурӯҳ ҷудо кардааст. Ҳангоми шарҳу тавзеҳи навъҳои тавсифҳои **ҳамрадиф ва тавзеҳӣ** байтҳо аз осори шоирон барои шоҳид меовард, беҳтар ва андешаҳояш мудаллал мегашт. Чунонки дар навъҳои тавсифи **мустаор ва ҷамъбастӣ** оварда [4, с.28-30].

Дар фасли чоруми боби аввали китоб “Усулҳои истифодаи тавсиф дар шеъри классикӣ” номгузорӣ шудааст. Зимни баррасии фасли мазкур маълум гардид, ки ҳама мисолҳои овардаи муаллиф аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мебошанд. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд, ки ба унвони фасл дар мисоли “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ таъкид мешуд, зеро дар ин фасл аз ашъори дигар шоирон як байт истинод нашудааст[4, с.37].

Дар китоб муаллиф гоҳо мавриди вожаву таркибҳои душвор ва барои забони адабии ҳозираи тоҷик номуносиб ба кор бурдааст, ки истифодаи муродифот ё калимаҳои маъмули дигар ба ҷойи онҳо беҳтар ба назар мерасад. Масалан, ба ин мисолҳо таваҷҷӯҳ кунед: “...бо ёрии сифатҳои мураккаб хулқу атвор, зебу оро ва **саҷияи** мавсуфро...” [4, с.24]. “...бад-ин вуҷуҳ онҳо **табаияти** мисраъҳоро...” [4, с.40]. “...гоҳе ба **таволӣ** ва гоҳе мухтасар”[ 4, с.40].Хуб мебуд, муаллиф дар овардани калимоти ба зеҳни хонандаи тоҷик наздик бештар кӯшиш ба харҷ медод.

Шоистаи таъкид аст, ки эродҳои зикршуда, ҳаргиз ба ҳусну қубҳ ва муҳассаноти китоб халал ворид намекунан. Ҳадафи аслии мо аз тазаккури онҳо танҳо ба эътибор гирифтан дар нашрҳои минбаъда аст, ки ҳусни ин кори арзишмандро хоҳанд афзуд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Таджибаев, Ш. Г. Эпитеты и принципы составления словаря эпитетов персидско-таджикской поэзии (по материалам "Шахнаме" Фирдоуси) : специальность 10.01.03 "Литература народов стран зарубежья (с указанием конкретной литературы)" : диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук / Таджибаев Шарифджон Гайбуллаевич. – Худжанд, 1999. – 152 с.
2. Таджибоев, Ш. Г. Принципы создания эпитетов в "Шахнаме" Фирдоуси / Ш. Г. Таджибоев // Современные тенденции развития науки и технологий. – 2017. – № 2-5. – С. 108-110.

3. Таджибоев, Ш. Г. О степени исследования фигуры "тавсиф"(эпитет) в таджикском литературоведении /Ш.Г.Таджибоев // Современные тенденции развития науки и технологий. – 2017. – № 1-6. – С. 98-100.
4. Тоҷибоев, Ш. Тавсиф ва масъалаҳои танзими фарҳанги тавсифоти назми классикии форсу тоҷик. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020.-164с.
5. http://kitobam.com/cr/tavsif/
6. https://tg.wikipedia.org/wiki

**REFERENCES:**

1. Tajibaev, Sh.Gh. Epithets and principles of compiling a dictionary of epithets of Persian-Tajik poetry (based on the materials of “Shah-name” by Firdawsi): specialty 10.01.03 “Literature of the peoples of foreign countries (indicating specific literature)”: candidate dissertation on philology / Sharifjon Tajibaev Gaibullaevich. - Khujand, 1999. - 152 pp.
2. Tadjiboev, Sh.Gh. Principles of creating epithets in Firdawsi`s “Shah-Name” / Sh. Gh. Tajibaev // Modern trends in the development of science and technology. - 2017. - No. 2-5. - P. 108-110.
3. Tajibaev, Sh. Gh. On the degree of research of the figure “Tavsif” (epithet) in Tajik literary criticism / Sh. Gh. Tajibaev // Modern trends in the development of science and technology. - 2017. - No. 1-6. – P. 98-100.
4. Tajibaev, Sh. Gh. “Epithets and Principles for Compiling a Dictionary of Epithets in Persian-Tajik Poetry - Khujand: Light of Enlightenment, 2020. – 164 p.
5. http://kitobam.com/cr/tavsif/
6. https://tg.wikipedia.org/wiki